Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 143 (4726) | ЧОРШАНБЕ, 22 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# САФАРИ РАСМИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**21-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми сафари расмӣ ба Федератсияи Россия сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони мудофиа, корҳои дохилӣ, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, нақлиёт, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, кишоварзӣ, фарҳанг, молия, раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, сардорони хадамотҳои гумрук ва иҷро, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**21-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади анҷоми сафари расмӣ ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия ташриф оварданд.**

Маросими истиқболи расмии меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фурудгоҳи байналмилалии «Внуково-2»-и шаҳри Москва баргузор гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Федератсияи Россия гарму самимӣ пазирой карданд. Барои истиқболи шоиста майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар оро ёфта, ротаи қаровули фахрии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи гарнизони Москва ва оркестри низомии асбобҳои нафасӣ саф ороста буданд.

Баъди гузориши Фармондеҳи ротаи қаровули фахрӣ ба меҳмони олиқадр дар ҳамон ҷо сурудҳои миллии ҳар ду давлат навохта шуд.

Маросими истиқболи расмӣ бо гузаштани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз назди ротаи фахрӣ ва эҳтиром ба ливои ротаи фахрӣ, гузашти тантанавии қаровули фахрии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ аз назди меҳмони олимақом ба поён расид.

**21-уми ноябри соли ҷорӣ сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия бо гузоштани гулчанбар дар назди оромгоҳи Сарбози номаълум оғоз гардид.**



Дар маросими гулчанбаргузорӣ дар макони «Александровский сад» қаровули фахрӣ ва оркестр саф ороста буданд. Коменданти ҳарбии шаҳри Москва оид ба саф кашидан ва омодагии Горди фахрӣ барои баргузории маросими гиромидошти хотираи қурбониёни роҳи озодӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш дод.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти мусиқии маросимӣ дар назди «Гулхани абадӣ» гулчанбар гузошта, бо дақиқаи хомӯшӣ хотираи қаҳрамонони Федератсияи Россияро пос доштанд. Сипас, баъд аз садоҳои бонг ва дақиқаи хомӯшӣ Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардид.

Баъд аз анҷоми маросими гулчанбаргузорӣ қаровули фахрӣ бо қадамзании мутантан аз назди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иштирокдорони маросими гулчанбаргузорӣ гузашт.

Дар ин маросим Сарвари давлати Тоҷикистонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Федератсияи Россия ҳамроҳӣ намуданд.

**21-уми ноябри соли 2023 дар доираи сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия дар Қасри Кремл мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Россия баргузор шуд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин самимона истиқбол гирифт.

Зимни музокирот сарони ҳар ду давлат дар доираи мулоқоти хоса ва бо иштироки ҳайатҳои ҷонибҳо дар фазои дӯстона ва ҳусни тафоҳум, ки хоси муносибатҳои байнидавлатии ҳар ду кишвар мебошад, маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкории дутарафаро муҳокима намуданд.

Сарони давлатҳо ҷанбаҳои кунунии шарикии стратегии ҷонибҳо, аз ҷумла масъалаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ, инчунин, дар соҳаи амниятро баррасӣ намуданд. Ҳамчунин, оид ба доираи васеи масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор анҷом дода шуд.

Зимни музокирот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки сафари мазкурро ҳамчун қадами муҳим дар роҳи тавсеаи минбаъдаи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии ҳар ду давлат мешуморанд ва ба он ишора намуданд, ки ҳамкории Тоҷикистону Россия имрӯз дар тамоми соҳаҳои манфиатҳои тарафайн дорои ҷараёни устувор мебошад.

Таъкид гардид, ки соли равон барои ҳар ду давлат соли ҷашнӣ ба ҳисоб меравад. 30 сол қабл Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба имзо расида буд. Ба сатҳи расидаи ҳамёрӣ баҳои баланд дода шуд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки соҳаи кишоварзӣ самти дигари дурнамодори ҳамкорӣ мебошад. Барои густариши содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон ба Россия изҳори омодагӣ карда шуд.

Ҳамчунин, доир ба имкониятҳои васеи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ гуфтугӯ анҷом дода шуда, тамоюли таваҷҷуҳи сайёҳони рус ба Тоҷикистон ва мутаносибан афзоиши шумораи онҳо таъкид гардид.

Аз натиҷаҳои баланди ҳамкории гуманитарӣ, ки дар ҳоли болоравӣ қарор доранд, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Дар музокирот ба омӯзиши забони русӣ, ки дар Тоҷикистон ба он, тибқи Конститутсия, мақоми забони муошират байни миллатҳо дода шудааст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Сарони давлатҳо ба рушд ва таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ аҳамияти бузург зоҳир намуданд. Зиёда аз 80 субъекти федералӣ ва хоҷагидории Россия имрӯз бо Тоҷикистон ҳамкорӣ менамоянд. Изҳори итминон карда шуд, ки густариши минбаъдаи ҷуғрофияи робитаҳои байниминтақавӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳо мусоидат менамояд.

Доир ба ҷараёни мусбати ҳамкории байнипарлумонӣ суҳбат анҷом дода шуд. Байни мақомоти қонунгузории ҳар ду давлат тақвияти робитаҳо мушоҳида мегардад. Аҳамияти ҳамёрии ҳар ду давлат дар соҳаи амният зикр карда шуд.

**21-уми ноябри соли равон дар Қасри Кремл маросими бо ордени «Барои хизмат дар назди Ватан» сарфароз гардонидани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо сафари расмӣ дар пойтахти Федератсияи Россия қарор доранд, баргузор гардид.**

Дар оғози маросим Фармони Президенти Федератсияи Россия дар бораи мукофотонии Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин нишони давлатии Россия қироат карда шуд.

Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин зимни супоридани мукофот саҳм ва хизматҳои хоси Пешвои миллатро дар таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Россия, ки имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн муваффақона рушд меёбанд, таъкид намуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар навбати худ, аз ин тасмими олии Президенти Федератсияи Россия изҳори сипос намуда, онро, пеш аз ҳама, ба қадрдонии баланди хидматҳои тамоми мардуми Тоҷикистон дар рушду таҳкими пайвастаи муносибатҳои Тоҷикистону Россия мансуб донистанд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки бо талошҳои муштараки ҷонибҳо равобити байнидавлатии ҳар ду кишвар дар рӯҳияи дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва эҳтироми мутақобила минбаъд низ таъмиқ ва густариш хоҳанд ёфт.

**21-уми ноябри соли ҷорӣ пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Россия дар ҳузури сарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин бастаи нави санадҳои ҳамкории зерин ба имзо расиданд:**

- Нақшаи ҳамкорӣ дар соҳаи саноат байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва савдои Федератсияи Россия;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Федератсияи Россия дар бораи рушди ҳамкорӣ дар тайёрӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи нақлиёт;
- Нақшаи амалии ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия барои солҳои 2023-2025;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии приставҳои судии Федератсияи Россия;
- Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия дар бораи эътирофи тарафайни мақомоти танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба масъалаҳои назорати меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии меҳнат ва шуғли аҳолии Федератсияи Россия;
- Созишнома байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Маркази миллии таҳқиқоти «Институти Курчатов»-и Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва илмию техникӣ.

Пас аз анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ оростанд.

**21-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Федератсияи Россия дар шаҳри Москва бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия муҳтарам Михаил Мишустин мулоқот карданд.**

Дар рафти вохӯрӣ вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои ояндадори тиҷоратию иқтисодӣ, саноат, энергетика ва кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таъкид гардид, ки Федератсияи Россия дар сохтори гардиши савдои хориҷии кишвари мо мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар соли 2022 ҳаҷми гардиши мутақобилаи мол 1,7 миллиард долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли пешин 24 фоиз афзудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024

**Моддаи 1. Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 42956463 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо 28961000 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) воридоти андозӣ - 26348086 ҳазор сомонӣ;

б) воридоти ғайриандозӣ - 1820914 ҳазор сомонӣ;

в) грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 792000 ҳазор сомонӣ;

2) аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ - 11410431 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) қарзҳо - 4643180 ҳазор сомонӣ;

б) грантҳо - 6767251 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ - 2585032 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 2. Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ба маблағи 44108023 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла барои маблағгузории:

1) мақомоти ҳокимияти давлатӣ
ва идоракунӣ - 1832562 ҳазор сомонӣ;

2) мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,тартиботи ҳуқуқӣ ва судҳо - 3741354 ҳазор сомонӣ;

3) маориф - 8231867 ҳазор сомонӣ;

4) тандурустӣ - 3488927 ҳазор сомонӣ;

5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 5533584 ҳазор сомонӣ;

6) фарҳанг ва варзиш - 1716730 ҳазор сомонӣ;

7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал - 1796081 ҳазор сомонӣ;

8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 8123075 ҳазор сомонӣ;

9) соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор - 1424811 ҳазор сомонӣ;

10) саноат ва сохтмон - 309292 ҳазор сомонӣ;

11) нақлиёт ва коммуникатсия - 3530611 ҳазор сомонӣ;

12) соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва хизматрасонӣ - 138527 ҳазор сомонӣ;

13) хароҷоти дигар - 4240602 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 3. Ҳаҷми умумии касри буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани он**

1. Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ба андозаи 0,8 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 1151560 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ ба таври зерин муайян карда шаванд:

1) аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 50000 ҳазор сомонӣ;

2) аз фурӯши векселҳо - 100000 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 - 100000 ҳазор сомонӣ;

4) иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ - 150000 ҳазор сомонӣ;

5) аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 664056 ҳазор сомонӣ;

6) сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ - 50000 ҳазор сомонӣ;

7) иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 - 37504 ҳазор сомонӣ.

3. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 2716875 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ 1471934 ҳазор сомонӣ ва баргардонидани қарзи асосӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзии соли 2024 ба маблағи 1244941 ҳазор сомонӣ (бо дарназардошти ӯҳдадориҳои қарзии солҳои қаблӣ) аз ҳисоби ташкилотҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» - 1050000 ҳазор сомонӣ;

2) Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» - 32941 ҳазор сомонӣ;

3) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» - 22000 ҳазор сомонӣ;

4) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ» - 11000 ҳазор сомонӣ;

5) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» - 70000 ҳазор сомонӣ;

6) Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 32000 ҳазор сомонӣ;

7) Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» - 27000 ҳазор сомонӣ.

4. Маблағгузории хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 501220 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 180820 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи собиқ ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» 320400 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

**Моддаи 4. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Ҳаҷми умумии буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи даромад 17045514 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот 18159570 ҳазор сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 1114056 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5. Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи манбаъҳои даромад**

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 17045514 ҳазор сомонӣ аз рӯйи манбаъҳои зерин муқаррар карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда - 9176500 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) андоз аз арзиши иловашуда (дохилӣ) - 2774000 ҳазор сомонӣ;

б) андоз аз арзиши иловашуда (беруна) - 6402500 ҳазор сомонӣ;

2) аксизҳо - 922000 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) аксизҳо (дохилӣ) - 231000 ҳазор сомонӣ;

б) аксизҳо (беруна) - 691000 ҳазор сомонӣ;

3) андоз аз фурӯш - 36800 ҳазор сомонӣ;

4) андоз барои захираҳои табиӣ - 445300 ҳазор сомонӣ;

5) андоз аз даромад - 2805666 ҳазор сомонӣ;

6) боҷҳои гумрукӣ - 1177000 ҳазор сомонӣ;

7) даромадҳои дигари ғайриандозӣ - 1690248 ҳазор сомонӣ;

8) грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 792000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 6. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ**

Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ дар ҳаҷми зерин тасдиқ карда шавад:

1) маблағгузории бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 1136724 ҳазор сомонӣ,

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

# САФАРИ РАСМИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар самти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ захираю имкониятҳои истифоданашуда бисёр аст, аз ин рӯ зарур шуморида шуд, ки барои пурра баҳрабардорӣ кардан аз он тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

Дар рафти мулоқот зикр карда шуд, ки татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои саноати кӯҳӣ, металлургӣ, мудофиавӣ, коркади нефту кимиё, саноати хӯрокворию сабук, нассоҷӣ, фарматсевтӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба манфиати ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

Ҷалби сармояи Федератсияи Россия барои таъсиси паркҳои саноатӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, зарур шуморида шуд.

Аз сатҳи ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ ибрози қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон бо ин ба густариши минбаъдаи робитаҳои амалӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва сайёҳӣ ҳавасмандии худро изҳор доштанд.

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**22-юми ноябри соли 2023 дар чаҳорчӯбаи сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия дар шаҳри Москва мулоқотҳои сатҳи олии Тоҷикистон ва Россия идома ёфтанд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин зимни субҳонаи корӣ маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкории ҳар ду давлатро муҳокима намуда, оид ба натиҷаҳои музокироти расмии дирӯза, ки аз лиҳози пешбурди минбаъдаи шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонии ҷонибҳо муфид арзёбӣ гардиданд, мубодилаи афкор намуданд.

Сарони давлатҳо мубодилаи афкорро атрофи масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ низ идома доданд.

**www.prezident.tj**





# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НИШАСТИ МАТБУОТӢ АЗ РӮИ НАТИҶАҲОИ САФАРИ РАСМӢ БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**21-уми ноябри соли 2023**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

**Дӯстони азиз!**

Пеш аз ҳама мехоҳам ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Владимирович Путин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ба Федератсияи Россия самимона изҳори сипос намоям.

Мо ин сафарро ҳамчун қадами муҳим дар роҳи тавсеаи минбаъдаи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии давлатҳоямон мешуморем. Боиси хушнудист, ки ҳамкории Тоҷикистону Россия имрӯз дар тамоми соҳаҳои манфиатҳои тарафайн дорои ҷараёни устувор мебошад.

Тавре муҳтарам Владимир Владимирович зикр намуданд, мо ҳам дар доираи мулоқоти хоса ва ҳам дар ҷаласа бо иштироки ҳайатҳо музокироти муфассал анҷом додем. Аз ҷониби худ мехоҳам таъкид намоям, ки музокирот чун анъана дар фазои созанда ва эътимод баргузор гардид. Масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва мушкилоти кунунии минтақавӣ ва байналмилалиро, ки мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мебошанд, баррасӣ намуда, дар соли 30-солагии имзои Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба сатҳи расидаи ҳамёрии давлатҳоямон баҳои баланд додем. Аз тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодию тиҷоратӣ изҳори ҷонибдорӣ намудем.

Доир ба саъю кӯшишҳои муштаракамон ҷиҳати афзоиш додани нишондиҳандаҳои ин соҳа дар солҳои наздик ба тавофуқ расидем. Масъалаҳои густариши ҳамкории сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ин росто мо ба тавофуқ расидем, ки дар бахшҳои мухталифи иқтисод лоиҳаҳои бузурги сармоягузориро амалӣ созем. Барои ин ҳадафҳо дар Тоҷикистон фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, якчанд минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият доранд. Ҳамкории байнидавлатӣ бо Россия дар соҳаи иттилооти молиявӣ ба сатҳи сифатан нав баромад. Ҳисоббаробаркуниҳои мутақобилаи мо бо пули миллӣ то 82 дарсад афзоиш ёфт.

Дар музокирот масъалаҳои ҳамкории энергетикӣ, инчунин, ҳамкории саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба саноати металлургӣ, кӯҳӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ мавқеи муҳимро ишғол намуданд. Бо назардошти захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ давлати мо «энергетикаи сабз»-ро фаъолона рушд медиҳад.

Тоҷикистон дорои 13 ҳазор пиряx мебошад, ки 60 дарсади захираҳои обии Осиёи Марказиро ташаккул медиҳанд.

Мамлакати мо дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои умумии манбаъҳои гидроэнергетикӣ дар ҷойи ҳаштум ва аз ҷиҳати ҳиссаи хоси он ба сари ҳар як нафар аҳолӣ дар ҷойи дуюм қарор дорад.

Имрӯз Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқи худро дар неругоҳҳои барқи обӣ, яъне аз манбаъҳои барқароршавандаи «энергияи сабз», истеҳсол намуда, аз рӯи ин нишондод дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Мо азм дорем, ки иқтидори истеҳсоли энергияи тозаро ҳамчун заминаи калидии пешбурди «иқтисоди сабз» дучанд намоем.

Тоҷикистон, ҳамчунин, имкон дорад, ки дар қаламрави худ бо истифода аз «энергияи сабз» бо таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист корхонаҳои истеҳсоли энергияталабро ҷойгир намояд. Дар ин самт барои рушди ҳамкории созанда ва мутақобилан судманд бо Россия изҳори омодагӣ менамоем. Дар қаъри замини Тоҷикистон 800 кон ва зуҳуроти канданиҳои фоиданок кашф карда шудаанд. Онҳо, аз ҷумла, дорои захираҳои ҳаётан муҳими маъданию хом, ки имрӯз талаботи зиёд доранд, мебошанд. Мо аз доираҳои тиҷоратии Россия даъват ба амал меорем, ки дар коркарди ин захираҳо ҳамкорӣ намоянд. Мо дурнамои ҳамкориро дар коркарди конҳои нефту гази Тоҷикистон муфассал баррасӣ намудем. Ҳамкории мутақобила оид ба масъалаҳои барқарорсозии муштараки ҳудуди Тоҷикистон, ки дар гузашта истихроҷи уран дар он ҷо ҷойгир буд, мусбат арзёбӣ шуд. Шарики асосии ҷониби Тоҷикистон Ширкати «Росатом» мебошад.

Мо ба мувофиқа расидем, ки соҳаи кишоварзӣ самти дурнамодори ҳамкорӣ мебошад. Омодагии худро барои густариши содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон ба Россия таъкид намудем.

Мо, ҳамчунин, ба таҳкими робитаҳо дар соҳаи сайёҳӣ ишора намуда, тамоюли таваҷҷуҳи сайёҳони русро ба Тоҷикистон ва мутаносибан афзоиши шумораи онҳоро таъкид кардем ва зимни музокирот мо натиҷаҳои баланди ҳамкории гуманитариро, ки дар ҳоли болоравӣ қарор дорад, бо қаноатмандӣ зикр намудем.

Соли гузашта дар моҳи октябр Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия бомуваффақият доир гардида, тобистони имсол дар шаҳрҳои Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Россия баргузор шуданд. Мо масъалаи зудтар шурӯъ намудан ба сохтмони бинои Театри академии драмавии русии ба номи Маяковскийро дар шаҳри Душанбе муҳокима намудем.

Ҳамкории судманд дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мусбат арзёбӣ гардид. Мо фаъолияти бомуваффақияти панҷ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро, ки аз ҷониби Россия соли гузашта дар шаҳрҳои Тоҷикистон сохта, расман ба истифода дода шудаанд, таъкид намудем.

Мо оғози татбиқи амалии лоиҳаи бунёди Маркази таълимӣ барои кӯдакони болаёқат дар Тоҷикистонро, ки дар якҷоягӣ бо муҳтарам Владимир Владимирович ба нақша гирифта будем, бо хушнудӣ зикр намудем.

Дар музокирот ба омӯзиши забони русӣ, ки дар Тоҷикистон ба он, тибқи Конститутсия, мақоми забони муошарати байни миллатҳо дода шудааст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Бояд зикр кард, ки омӯзиши забони русӣ дар Тоҷикистон дар тамоми зинаҳои низоми маориф шурӯъ аз кӯдакистон дар беш аз чаҳор ҳазор муассисаи таълимӣ ба таври ҳатмӣ амалӣ карда мешавад. Бо назардошти нарасидани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ бо забони русӣ, инчунин, норасоии омӯзгороне, ки ба забони русӣ таълим медиҳанд, мо ба идомаи кори муштарак дар ин самт изҳори ҳавасмандӣ намудем.

Мо ба густариши таҷрибаи фиристодани омӯзгорони рус ба Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи «Муаллими рус дар хориҷа», ки дар доираи он ҳоло дар давлати мо 72 омӯзгор фаъолият доранд, ҷонибдорӣ баён намудем.

Ҳамаи ин масъалаҳои дорои хусусияти иқтисодӣ ва гуманитарӣ дар ҷаласаи қарибулвуқӯи Комиссияи байниҳукуматӣ дар Москва ба таври муфассал баррасӣ хоҳанд шуд.

Мо ба рушд ва таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ аҳамияти бузург медиҳем, зиёда аз 80 субъекти федералӣ ва хоҷагидории Россия имрӯз бо Тоҷикистон ҳамкорӣ менамоянд. Итминон дорем, ки густариши минбаъдаи ҷуғрофияи робитаҳои байниминтақавӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳоямон мусоидат менамояд. Мутмаинем, ки он ба таҳкими дӯстӣ ва ҳусни тафоҳуми байни халқҳоямон низ мусоидат менамояд.

Ҳамкории байнипарлумонӣ, ҳамчунин, дорои ҷараёни мусбат мебошад. Байни мақомоти қонунгузории мамлакатҳоямон тақвияти робитаҳо ба мушоҳида мерасад.

Аҳамияти ҳамкории давлатҳоямонро дар соҳаи амният зикр менамоям. Мехоҳам ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси Федератсияи Россия барои кори ҳамоҳангшуда ва ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори Тоҷикистон изҳори сипос намоям. Давлатҳои мо дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, зуҳуроти радикализм, қочоқи маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва дигар намудҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳамкории зич доранд.

Зимни музокирот мо ба густариши ҳамкорӣ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ изҳори ҷонибдорӣ намуда, ҳамчунин, доир ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор намудем.

Дар заминаи авзоъ дар Фаластин Тоҷикистон иҷрои қатъномаҳои СММ дар бораи ин қазияро ягона роҳи ҳалли имконпазир медонад. Муҳимияти таъсиси давлати мустақили Фаластинро дар асоси сарҳадҳои 1967 бояд махсус таъкид намуд. Давлати мо, ки тамоми даҳшатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро гузаронидааст, ба ҳалли ҳама гуна мушкилоту низоъҳо танҳо бо роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ пайваста даъват менамояд. Мехоҳам таъкид намоям, ки мо аз натиҷаҳои муколамаи имрӯза қаноатманд мебошем.

Зимни музокирот Тоҷикистону Россия азми худро барои истифодаи иқтидори мавҷуда барои ба сатҳи сифатан баландтар баровардани муносибатҳо тасдиқ намуданд. Бори дигар ба муҳтарам Владимир Владимирович ва ҳамаи дӯстон аз Россия барои меҳмоннавозӣ ва пазироии самимонаашон изҳори сипоси самимона менамоям.

Ман аз муҳтарам Владимир Владимирович даъват ба амал овардам, ки дар вақти барояшон мусоид бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оваранд.

**Ташаккури зиёд.**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024

**(Идома аз саҳ. 1)**

аз ҷумла:

а) мақомоти иҷроия ва қонунгузорӣ - 257217 ҳазор сомонӣ;

б) сиёсати молиявӣ ва андозию буҷетӣ - 144600 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти сиёсати берунӣ - 390398 ҳазор сомонӣ;

г) мақомоти дигари давлатӣ - 344509 ҳазор сомонӣ;

2) мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва прокуратура - 3227490 ҳазор сомонӣ;

3) маориф - 1628700 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) таҳсилоти умумӣ - 272650 ҳазор сомонӣ;

б) таҳсилоти касбӣ - 997131 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти дигар дар соҳаи маориф - 358919 ҳазор сомонӣ;

4) тандурустӣ - 610204 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) беморхонаҳо - 286569 ҳазор сомонӣ;

б) марказҳои саломатӣ - 11459 ҳазор сомонӣ;

в) ҳифзи саломатии аҳолӣ - 91492 ҳазор сомонӣ;

г) фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ - 220684 ҳазор сомонӣ;

5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 861652 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) суғуртаи иҷтимоӣ - 631933 ҳазор сомонӣ;

б) ҳифзи иҷтимоӣ - 95012 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 134707 ҳазор сомонӣ;

6) фарҳанг ва варзиш - 710007 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - 12940 ҳазор сомонӣ;

б) муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ - 149535 ҳазор сомонӣ;

в) воситаҳои ахбори омма - 275428 ҳазор сомонӣ;

г) фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш - 272104 ҳазор сомонӣ;

7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал - 130817 ҳазор сомонӣ;

8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 2900041 ҳазор сомонӣ;

9) кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор - 249988 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) барои рушди соҳаи чорводорӣ - 2982 ҳазор сомонӣ;

б) барои чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди малах - 5860 ҳазор сомонӣ;

в) барои рушди муносибатҳои лизингӣ ва таъсису мукаммал намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ - 30000 ҳазор сомонӣ;

г) барои чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ - 4000 ҳазор сомонӣ;

д) барои чорабиниҳои муҳофизати интегратсионии зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор аз зараррасону касалиҳо - 2300 ҳазор сомонӣ;

е) барои рушди чарогоҳҳо - 700 ҳазор сомонӣ;

ё) барои рушди соҳаи харгӯшпарварӣ - 300 ҳазор сомонӣ;

ж) барои рушди соҳаи тухмипарварӣ - 1136 ҳазор сомонӣ;

з) барои рушди геодезия ва харитасозӣ - 9000 ҳазор сомонӣ.

10) саноат ва сохтмон - 306581 ҳазор сомонӣ;

11) нақлиёт ва коммуникатсия - 226538 ҳазор сомонӣ;

12) фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ - 139426 ҳазор сомонӣ;

13) хароҷоте, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудааст - 6031402 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) амалиёт бо уҳдадориҳои қарзии давлатӣ - 2687817 ҳазор сомонӣ,

аз он:

- амалиёт бо уҳдадориҳои қарзии дохилии давлатӣ - 180820 ҳазор сомонӣ;

- амалиёт бо уҳдадориҳои қарзии берунаи давлатӣ - 2506997 ҳазор сомонӣ;

б) хароҷоти шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани вазифаҳои пойтахт - 40000 ҳазор сомонӣ;

в) фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 140845 ҳазор сомонӣ;

г) хароҷоти дигаре, ки аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт гурӯҳбандӣ нашудааст - 3162740 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 7. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии идоравӣ ва барномавӣ**

2. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ тибқи замимаи 2 тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 8. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ**

Хароҷоти вазорату идораҳо, ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар ҳаҷми 18159570 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) пардохти музди меҳнат - 3576129 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) музди меҳнати кормандони асосӣ - 3371180 ҳазор сомонӣ;

б) музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ - 204949 ҳазор сомонӣ;

2) маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ - 439264 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони асосӣ - 376465 ҳазор сомонӣ;

б) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ - 51267 ҳазор сомонӣ;

в) суғуртаи тиббӣ ва суғуртаҳои дигар - 11532 ҳазор сомонӣ;

3) хариди мол ва хизматрасонӣ - 3889336 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) пардохти хизматрасонии коммуналӣ - 265390 ҳазор сомонӣ;

б) пардохти хизматрасонии алоқа - 180848 ҳазор сомонӣ;

в) хариди мол ва хизматрасонии дигар - 3443098 ҳазор сомонӣ;

4) хизматрасонии қарзҳои дохилӣ ва беруна - 2581817 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) пардохти фоизҳои қарзи дохилӣ - 74820 ҳазор сомонӣ;

б) пардохти қарзи берунаи асосӣ - 1471934 ҳазор сомонӣ;

в) пардохти фоизҳои қарзи берунаи асосӣ - 1035063 ҳазор сомонӣ;

5) хароҷоти пардохти кумакпулиҳо (субсидияҳо) - 174503 ҳазор сомонӣ;

6) хароҷот барои трансфертҳо - 2043146 ҳазор сомонӣ;

7) кумакпулиҳои иҷтимоӣ - 318430 ҳазор сомонӣ;

8) трансфертҳои дигар - 619509 ҳазор сомонӣ;

9) амалиёт бо дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоягузорӣ - 4517436 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) маблағгузории асосии мутамарказ - 4000670 ҳазор сомонӣ;

б) хариди мошинҳо ва таҷҳизот - 232722 ҳазор сомонӣ;

в) дороиҳои ғайримолиявии дигар - 157800 ҳазор сомонӣ;

г) хариди дороиҳои молиявии дохилӣ - 20244 ҳазор сомонӣ;

д) пардохти қарзҳо ва ссудаҳо - 106000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 9. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ба маблағи 563380 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 10. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудошаванда**

1. Ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пардохти фонди музди меҳнат ба маблағи 1838527 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои:

1) Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 301001 ҳазор сомонӣ;

2) вилояти Хатлон - 1068385 ҳазор сомонӣ;

3) ноҳияи Варзоб - 24895 ҳазор сомонӣ;

4) ноҳияи Рашт - 74801 ҳазор сомонӣ;

5) ноҳияи Лахш - 53976 ҳазор сомонӣ;

6) ноҳияи Нуробод - 57735 ҳазор сомонӣ;

7) ноҳияи Рӯдакӣ - 80437 ҳазор сомонӣ;

8) ноҳияи Сангвор - 22000 ҳазор сомонӣ;

9) ноҳияи Тоҷикобод - 37425 ҳазор сомонӣ;

10) ноҳияи Файзобод - 68022 ҳазор сомонӣ;

11) ноҳияи Шаҳринав - 49850 ҳазор сомонӣ.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба фондҳои мақсадноки давлатӣ ба буҷети вилоятии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои мазкур ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳар моҳ мустақиман аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба суратҳисоби алоҳидаи буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда шуда, хароҷоти он тавассути суратҳисоби мазкур анҷом дода шавад.

**Моддаи 11. Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ**

Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 ба маблағи 264984 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 12. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Ҳаҷми умумии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи даромад, бо дарназардошти мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад, ба маблағи 11384013 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 11421517 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 37504 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 3786 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 26519 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 609 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт 929 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Лахш 574 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нуробод 575 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рӯдакӣ 2286 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Сангвор 316 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод 385 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 768 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 757 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

2. Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2024 аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 ва таъмини иҷрои барзиёди даромад пӯшонида мешавад.

**Моддаи 13. Таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

1. Дар соли 2024 ба буҷети ҷумҳуриявӣ даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии зерин ворид карда шаванд:

1) андоз аз фурӯши алюминийи аввалия 100 дарсад;

2) боҷҳои гумрукӣ 100 дарсад;

3) андоз аз арзиши иловашуда ва аксизи беруна 100 дарсад;

4) дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (бо дарназардошти муҷозоти молиявӣ), хироҷ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 100 дарсад;

5) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, инчунин андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) 100 дарсад;

6) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» - андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) 100 дарсад;

7) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» -андоз аз арзиши иловашуда 100 дарсад;

8) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун» - андоз аз арзиши иловашуда ва андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) 100 дарсад;

9) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» - андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 100 дарсад;

10) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» - андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 100 дарсад;

11) аз муассисаҳои давлатии марказ ва гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда - андоз аз даромади шахсони воқеӣ 100 дарсад;

12) аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ (ба истисноӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком») - андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз 100 дарсад;

13) аз Бонки миллии Тоҷикистон - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоидаи боқимондаи баъди тасдиқи ҳисоботи соли 2023 100 дарсад;

14) аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Тоҷикистону Америка «Корхонаи муштараки Анзоб», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳии саноатии Тоҷикистону Хитой», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Корхонаи муштараки Зарафшон», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пакрут», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати металлургии Анзоб» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Талко Голд» - андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 50 дарсад;

15) пардохти бонуси обунавии яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҳисоби истихроҷи маъданҳои фоиданок (ба ғайр аз канданиҳои фоиданоки маъмулӣ, обҳои зеризаминӣ ва лойи табобатӣ) 100 дарсад;

16) аз ҳисоби андозҳо барои захираҳои табиӣ (рентаи содиротӣ) 50 дарсад.

2. Ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мегарданд, дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи таносуби зерин тасдиқ карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе ва Роғун) 100 дарсад;

б) аз вилояти Суғд 51 дарсад ба буҷети вилоят ва 49 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Душанбе 50 дарсад ба буҷети шаҳр ва 50 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

г) аз шаҳри Роғун 50 дарсад ба буҷети шаҳр ва 50 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

2) андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Роғун) 100 дарсад;

б) аз вилояти Суғд 51 дарсад ба буҷети вилоят ва 49 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Роғун 30 дарсад ба буҷети шаҳр ва 70 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

3) андоз аз даромади шахсони воқеӣ:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе) 100 дарсад;

б) аз вилояти Суғд 51 дарсад ба буҷети вилоят ва 49 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Душанбе 43 дарсад ба буҷети шаҳр ва 57 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

4) аксизҳои дохилӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо 100 дарсад;

5) андозҳои маҳаллӣ, боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти ғайриандозии маҳаллии дигар ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо 100 дарсад.

3. Гузаронидани маблағи як намуди андоз ба дигар намуди андоз берун аз таъинот, инчунин анҷом додани амалиёти пардохти андозҳои танзимшаванда ба буҷетҳои дахлдор бидуни гузаронидани амалиёт тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

4. Воридот ва тақсимоти андозҳои танзимшаванда байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ қатъиян тавассути суратҳисобҳои танзимкунандаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

5. Новобаста ба тағйир ёфтани маҳалли фаъолияти андозсупоранда, ҷиҳати иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, уҳдадориҳои иҷтимоии давлатӣ ва чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ, пардохти уҳдадориҳои андозии чунин андозсупоранда то охири соли молиявӣ дар маҳалли қаблан бақайдгирифташуда ё маҳалли фаъолият анҷом дода шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024

**(Идома аз саҳ. 1 - 2)**

6. Пардохти андозҳои умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, ки дар онҳо воҳидҳои алоҳидаи андозсупоранда (рамзҳои сабаби ба ҳисоб гузоштан) ба қайд гирифта нашудааст, манъ аст.

**Моддаи 14. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа**

1. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2024 аз рӯйи даромад ба маблағи 4476357 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 4445557 ҳазор сомонӣ ва мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 30800 ҳазор сомонӣ ва харочот ба маблағи 4476357 ҳазор сомонӣ мувофиқи замимаи 3 тасдиқ карда шавад.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳолате ҷудо карда мешавад, агар даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа талаботи воқеии пардохти нафақа ва кумакпулиҳоро пурра таъмин карда натавонад.

3. Даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, харочоти он барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад, мувофиқи замимаи 4 тасдиқ карда шавад.

4. Ҳиссаҷудокуниҳо аз андози иҷтимоӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешаванд, барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз рӯйи таносуби зерин тасдиқ карда шаванд:

1) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 100 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) дар шаҳри Душанбе 36,0 дарсад ба суратҳисоби раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва 64,0 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) дар шаҳри Роғун 30,6 дарсад ба суратҳисоби шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Роғун ва 69,4 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои дигари тобеи ҷумҳурӣ 100 дарсад ба суратҳисоби раёсатҳо ва шуъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Муқаррароти андозию гумрукӣ ва имтиёзҳои алоҳида барои ташкилотҳо дар соли 2024**

1. Андоз аз арзиши иловашуда танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истисноӣ воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он, барои фурӯши равғани растанию боқимондаи коркарди он (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 10 дарсад муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13 моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад.

2. Воридоти техника, воситаҳои нақлиёти махсус ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, автобусҳо, ки номгӯй ва миқдори онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети шаҳри Душанбе барои пурра намудани парки нақлиёти мусофиркашонӣ ва беҳтар гардонидани таъминоти соҳаи алоҳидаи шаҳри Душанбе харидорӣ мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

3. Воридоти қувваи барқ ба ҷумҳурӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешавад.

4. Корхонаи воҳиди давлатӣ «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» ҳангоми фурӯши молҳои озуқаворӣ, инчунин воридоти маҳсулоте, ки номгӯйи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

5. Воридоти мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

6. Иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгар ва паймонкори асосии сохтмонҳои зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд: меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, сохтмони биноӣ бисёрфунксионалии маъмурӣ дар суроғаи хиёбони Исмоили Сомонии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва сохтмони Театри миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.

7. Воридоти мол аз ҷониби фармоишгарон ва паймонкорони асосии сохтмони иншооти дар қисми 6 моддаи мазкур пешбинишуда тибқи номгӯй ва дар ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

8. Ба уҳдадориҳои қарзии андозҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун», ки аз ҳисоби таҳвили қувваи барқ ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба вуҷуд омадаанд, фоизҳо тибқи моддаи 139 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳисоб карда намешаванд.

9. Федератсияи футболи Тоҷикистон, воҳидҳои зертобеи он ва клубҳои футболи Тоҷикистон аз пардохти 50 дарсади меъёри муқарраршудаи андозҳо аз молу мулк, инчунин мураббиёну бозингароне, ки аз хориҷи кишвар барои рушди фаъолияти Федератсия ва клубҳои футбол ҷалб карда мешаванд, аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, воридоти молу масолеҳи варзишӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

10. Воридоти бланкҳои шиносномаҳои дорои ҳомили электронии иттилоот, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷу хироҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

11. Воридоти тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита, элита ва репродуксияи якум, тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, гулу буттаҳои ороишӣ, дарахтони ороишӣ ва мевадиҳанда, чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

12. Иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз тарафи намояндаи фармоишгар - консорсиуми «Tractebel Engineering S.A.» (филиали «Tractebel Engineering S.A.» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) оид ба сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки тибқи шартномаи тарафайн амалӣ мешавад, аз пардохти андоз аз фоида ва андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин иҷрои кор ва хизматрасонии паймонкорони фаръии консорсиум аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд.

14. Маҳсулоти озуқа, нуриҳои минералӣ, сӯзишвории дизелӣ ва бензин, ки аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули захираҳои давлатӣ дар соли 2024 тибқи номгӯй ва ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

15. Воридоти дарахтони сояафкан, ҳамешасабз ва ороишӣ барои шинонидан дар боғҳо ва кӯчаву хиёбонҳои пойтахт, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Душанбе харидорӣ шуда, номгӯй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

16. Воридоти битуми тамғаи ДНД 60/90 барои Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳсоз»-и шаҳри Душанбе, ки ҳаҷми он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва **аз** боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

17. Сохтмон ва фаъолияти филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андози замин ва кормандони хориҷии он аз андози иҷтимоӣ аз андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин таҷҳизот ва молҳое, ки барои сохтмон, муҷаҳҳазгардонӣ ва фаъолияти филиали донишкадаи мазкур ва барои сохтмон, муҷаҳҳазгардонии бинои бисёрфунксионалии «Маркази савдову хизматрасонӣ ва фароғатӣ» дар кӯчаи Титови шаҳри Душанбе, сохтмони муассисаи замонавии тандурустии бисёрфунксионалӣ дар кӯчаи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе ворид карда мешаванд, аз 50 дарсади меъёри муқарраршуда аз андоз аз арзиши иловашуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

**Моддаи 16. Ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2024 аз ҳисоби иҷрои барзиёди нақшаи қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва буҷети тасдиқшудаи ҷумҳуриявӣ 25 дарсад ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт равона карда мешавад.

**Моддаи 17. Муқаррарот оид ба амонатгузории маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар бонкҳо**

Бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки ба ҳолати 1 январи соли 2024 ба вуҷуд меоянд, ҳамчун амонат бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи кӯтоҳмуҳлат дар давоми соли буҷетӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 18. Соҳаҳо ва моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети давлатӣ**

1. Соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ соҳаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ мебошанд ва азнавтақсимкунии маблағҳо байни соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ба соҳаҳои дигар қатъиян манъ аст.

2. Ба моддаҳои ҳимояшаванда харочоти буҷет музди меҳнат, маблағҷудокунӣ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ, маблағгузории сарикасӣ ва пардохти хизматрасонии коммуналӣ дохил карда шаванд.

3. Ҳангоми мавҷуд будани сарфа ва набудани қарз аз рӯйи моддаҳои дахлдори харочот, ба истисноӣ фонди музди меҳнат, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии он ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо тартиби муқарраргардида ба нақшаи тасдиқшудаи моддаҳои харочот тағйироти дахлдор ворид намоянд.

**Моддаи 19. Пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва муқаррарот оид ба харочоти маблағҳои махсус**

1. Аз ҳисоби воридоти маблағҳои махсуси ташкилотҳо пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдор ба андозаи зерин муқаррар карда шаванд:

1) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 55 дарсад;

2) Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт - 40 дарсад;

3) муассисаҳои томактабӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 1 дарсад, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дастгоҳҳои марказии вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5 дарсад, муассисаҳои дигари соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва дастгоҳҳои марказии вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10 дарсад;

4) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастгоҳҳои марказӣ ва мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 15 дарсад;

5) ташкилотҳои дигари буҷетӣ - 20 дарсад.

2. Аз маблағҳои грантӣ, сарпарастӣ, ҳиссаҷудокунии маблағҳои махсуси гирандагони маблағҳои буҷетӣ ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, кумакҳои молиявӣ, маблағҳои махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар, фонди иҷораи китобҳои дарсӣ, маблағҳои мақсадноки супоришӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъватии сафарбарӣ, маблағҳои аз ҳисоби хироҷ барои додани шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд ба Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои ҳатмӣ ситонида намешаванд.

3. Пардохти ҳатмӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳар семоҳа то санаи 25-уми баъди давраи ҳисоботӣ гузаронида мешавад.

4. Истифодаи маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, ба истисноӣ маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ, берун аз низоми хазинадорӣ қатъиян манъ аст. Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти мазкур, маблағҳои ошкоргардида пурра ба даромади буҷети дахлдор ситонида мешавад.

5. Дар сурати аз ҳаҷми солонаи маблағи дар буҷети давлатӣ тасдиқшуда кам ва ё зиёд ворид гардидани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он ба нақшаи даромад ва харочоти онҳо ба ҳаҷми маблағҳои дар қисми даромад ва харочоти буҷети давлатӣ тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

6. Дар ҳолати иҷро нагардидани қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2024 ва норасоии маблағ барои маблағгузории харочоти пешбинишуда, аз ҷумла пардохти музди меҳнат, барои истифодаи қувваи барқ, об ва хизматрасониҳои дигари коммуналӣ, пардохти номбаршудаи харочот аз ҳисоби воридоти маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус амалӣ намоянд.

7. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби додани сертификат ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби истифодабарии захираҳои радиочастотӣ 60 дарсади маблағҳо ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт менамоянд. Боқимонда 40 дарсади воридоти маблағ ба суратҳисоби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, маблағи боқимондаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри он монида шуда, тартиби дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда нисбати он татбиқ намегардад.

8. Маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасонии консулӣ (ба истисноӣ пардохт барои додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон)-и Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар ворид мегарданд, баъди пардохт мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба буҷети ҷумҳуриявӣ барои маблағгузории фаъолияти онҳо ва сохтмону таъмири бинои намояндагиҳо равона карда мешаванд. Маблағҳое, ки аз ҳисоби додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида пурра ба суратҳисоби андӯхтӣ гузаронида шуда, харочоти онҳо бо санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

9. Бақияи маблағҳои буҷетӣ ва махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳолати 1 январи соли 2024 ба вуҷуд меояд, дар ҳаҷми маблағгузории харочоти буҷети соли молиявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

10. Дар ҳолати норасоии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарқияти он аз ҳисоби маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор пӯшонида мешавад.

**Моддаи 20. Суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ**

1. Воридот ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ ба андозаи 5 дарсад муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ;

2) аз ҳисоби маблағҳои махсуси:

а) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ;

б) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) Хадамоти шиносномавӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) ташкилотҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

д) ташкилотҳои дигари буҷетӣ, ба истисноӣ муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар.

2. Воридот аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 10 дарсад муқаррар карда шавад.

3. Ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ бо тартиби муқарраргардида тибқи дастурамали аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида амалӣ карда мешавад.

4. Харочоти маблағҳо аз суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ бо фармоишҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 21. Имтиёзҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Имтиёзи рафтуомад ба маҳалли гузаронидани рухсатӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки барои хизматчиёни онҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имтиёз муқаррар гардидааст, танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар доираи маблағҳои пешбинигардида дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

3. Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати казармавӣ гузаронидани хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони мақомоти дигаре, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният иштирок мекунанд, дар доираи маблағи барои фонди музди меҳнат тибқи Қонуни мазкур дар нақшаи ягонаи даромад ва харочоти вазорату идораҳои дахлдор тасдиқшуда анҷом дода мешавад.

**Моддаи 22. Муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аз 1 январи соли 2024 барои ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 дарсади маблағҳои умумии пинҳонкардашуда (кам нишондодашуда)-и андоз, фоиз ва ҷарима аз рӯйи онҳо, ба истисноӣ андози иҷтимоӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва андозҳои маҳаллӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ ошкор гардидаанд, ҳар моҳ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 дарсади маблағҳои хироҷи гумрукӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд.

2. Маблағҳо аз ҳисоби даромадҳои андозӣ, ба истисноӣ андозҳо ва низомҳои махсуси дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, бо тартиби марказонидашуда 100 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ бо намудҳои андоз ворид карда шуда, ҳиссаи онҳо мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои маблағгузории тадбирҳои пешбинишуда истифода мешаванд. Тартиби дар моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида нисбат ба онҳо татбиқ намегардад.

3. Маблағҳое, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, андозҳои маҳаллӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ ошкор гардидаанд, бо дарназардошти дарсад ва ҷарима аз рӯйи онҳо, аз рӯйи таъиноташон пурра ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

4. Пардохти андоз ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет аз рӯйи ҳар як намуди андоз ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ бо дарҷи таъиноти он амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 23. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва андозбандии иҷорапулии молу мулк, ба истисноӣ объектҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба иҷора дода мешаванд**

1. Аз 1 январи соли 2024 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 72 сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Ҳадди ақали иҷорапулии як метри мураббаи объектҳои ғайриманқул дар як моҳ бо дарсад аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дарназардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ки дар қисми 2 моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба андозаи зерин муқаррар карда шавад:

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун иншоот (биноҳо)-и истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода мешаванд - 20;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд - 30;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намудҳои хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд - 60;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифода мешаванд - 45.

3. Вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии объектҳои ғайриманқули дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда коэффитсиентҳои зерини танзимкунанда пешбинӣ карда шаванд:

- ҳудуди кӯчаҳои марказӣ ва марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо - 1,0;

- ҳудуди шаҳраку деҳот - 0,8;

- мавзеъҳои дигари берун аз ҳудуди кӯчаҳои марказӣ, марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот - 0,6.

**Моддаи 24. Муқаррарот оид ба пардохти маблағ тибқи санадҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва пардохтҳои дигар ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррар карда шавад, ки пардохти ҷуброни зараре, ки аз тарафи кормандони мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилоти дигари давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағҳои нақшаи ягонаи даромад ва харочоти онҳо амалӣ карда мешавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки маблағҳои аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, фоиз, ҷубронпулӣ воридшуда, инчунин ҷуброни зарари молиявии дар натиҷаи риоя накардани интизоми молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ расонидашуда, ба истисноӣ маблағҳое, ки аз вайронкунандагони қонунгузорӣ дар соҳаи заминсозӣ, ситонида мешаванд, ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд.

3. Маблағҳои аз натиҷаи татбиқи муҷозот барои риоя накардани интизоми молиявӣ воридшуда аз рӯйи маъмури даромад дар қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Моддаи 25. Тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**

1. Ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 аз рӯйи даромад ба маблағи 36056818 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи харочот ба маблағи 34776096 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбат ба харочот ба маблағи 1280722 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Харочоти воқеии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 барои уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосии беруна, бо дарназардошти хизматрасонии он, ба маблағи 1526583 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 26. Муқаррарот оид ба ворид намудани тағйирот ба буҷети давлатӣ**

1. Дар ҳолати барзиёд ё кам иҷро гардидани қисми даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба қисмҳои даромад ва харочоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қисмҳои даромад ва харочоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2024 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бе тағйир додани ҳаҷми касри буҷет тағйирот ворид намояд.

2. Бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (мол, кор ва хизматрасонӣ), сатҳи нархҳо, меъёри андоз, заминаи андозбандӣ, инчунин тағйирёбии сохтории ташкилотҳои буҷетӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисмҳои даромад аз рӯйи намуди андозҳо, низоми махсуси андозбандӣ, пардохтҳои ғайриандозӣ, сарчашмаҳои даромад ва моддаҳои харочотии дигари буҷетҳои дахлдор тағйироти зарурӣ ворид намуда, бо тартиби муқарраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳисоби байниҳамдигарӣ мегузаронад.

3. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳисобҳои байниҳамдигариро метавонанд байни буҷетҳои маҳаллии дахлдор амалӣ намоянд.

4. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тағйироти умумии қисми даромад ва харочоти солонаи буҷетҳои маҳаллиро дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2024 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 ноябри соли 2023, № 2012**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» қабул карда шавад.

2. Дурнамои нишондиҳандаҳои даромад ва харочоти Буҷети давлатӣ барои:

- соли 2025 аз рӯйи даромад ба маблағи 48698616 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи харочот ба маблағи 50327306 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 1628690 ҳазор сомонӣ ё 1,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

- соли 2026 аз рӯйи даромад ба маблағи 54556403 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи харочот ба маблағи 56407153 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 1850750 ҳазор сомонӣ ё 1,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат қарорҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи харочоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2024 - 2026 қабул намояд. Ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт нишондиҳандаҳои Буҷети давлатиро барои солҳои 2026-2027 аниқ намояд.

4. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ назорати иҷрои буҷетро ба роҳ монда, истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳаҷми умумии Буҷети давлатии муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 42956463 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии харочот ба маблағи 44108023 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии харочот нисбат ба манбаъҳои маблағгузорӣ 1151560 ҳазор сомонӣ барои иҷро қабул намояд;

- маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишударо дар доираи маблағҳои тасдиқшуда мутаносибан баробари даромади воқеӣ таъмин намояд;

- бо мақсади кам кардани бақияпулӣ аз рӯйи пардохти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоии солҳои гузашта, бо назардошти зарурати ихтисор кардани қарзи муассисаҳои буҷетӣ аз корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки то 1 январи соли 2024 ба вуҷуд омадааст, инчунин қарзи ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯйи андозҳо, бо тартиби муқарраргардида бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва харочоти буҷет ҳисоббаробаркуниро байни онҳо гузаронад;

- оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ҳар се моҳ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;

- дар бораи истифодаи маблағҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма ҳар се моҳ аз рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 маълумот диҳад.

6. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки пӯшондани касри буҷети ҷумҳуриявиро ба маблағи 100000 ҳазор сомонӣ бо роҳи барориши векселҳо, инчунин ҷалби грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон:

- якҷоя бо Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» сари вақт ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронидани андозу даромадҳоро таъмин намояд;

- аз рӯйи амалиёти вобаста ба хизматрасонии уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, иҷрои ҳисобу китоб ва пардохтҳоро оид ба уҳдадориҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- бо мақсади сари вақт иҷро кардани пардохтҳои асъории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 мубодилаи маблағҳои буҷетиро ба асъори хориҷӣ мувофиқи дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи қурби расмии асъор таъмин намояд;

- барои тамдид намудани муҳлати пардохти қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то оғози соли навбатии молиявӣ шартномаи дахлдорро ба имзо расонад.

8. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 ноябри соли 2023, № 1157**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:**

**Сардори шуъбаи молия ва хоҷагӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ (иқтисодӣ);
- ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 2011 сомонию 50 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Сардори шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ (кори иҷтимоӣ, дипломат, гуманитарӣ),
- ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 2011 сомонию 50 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсус**
**талаботи тахассусӣ:**
-таҳсилоти олии касбӣ (идоракунии давлатӣ, омӯзгор), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1653 сомонию 90 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Сармутахассиси шуъбаи молия ва хоҷагӣ (3 ҷой)**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ (иқтисодӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1502 сомонию 30 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Сармутахассиси шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ (кори иҷтимоӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1502 сомонию 30 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо

**Мутахассиси пешбари шуъбаи молия ва хоҷагӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ (иқтисодӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228 сомонию 40 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат ва коргузорӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (омӯзгор, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228 сомонию 40 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (кори иҷтимоӣ, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228 сомонию 40 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи кумакҳои иҷтимоии Раёсати кафолати кумакҳои иҷтимоӣ (2 ҷой)**
**- талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (омӯзгор, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228 сомонию 40 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари бахши ҳуқуқ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (ҳуқуқшинос), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228 сомонию 40 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси шуъбаи назорат ва коргузорӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (барномасоз, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

Маоши мансабӣ - 1012 сомонию 60 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси шуъбаи мониторинг ва таҳлили соҳаи ҳифзи иҷтимоии Раёсати кафолати кумакҳои иҷтимоӣ**
**талаботи тахассусӣ:**
- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (иқтисодӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

Маоши мансабӣ - 1012 сомонию 60 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**
- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 3 х 4);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли 038-УЕ);
- нусхаи шиносնома;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- нусхаи билети ҳарбӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи иҷтимоии нафақа (СИН);
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи надоштани доғи судӣ.

Кор бо компютер ҳатмист, донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад.

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ - 3,** телефон: **555-55-31-86, факс: 446701023, суроғаи электронӣ: hifziijtimoi@mail.ru.**

Ҳуҷҷатҳо дар давоми 21 рӯзи баъд аз чопи эълон қабул карда мешаванд.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

**Запрос предложений**
**(ПРОЦЕСС ОДНОКОНВЕРТНЫХ ТОРГОВ)**
**СТРАНА: Республика Таджикистан**
**НАЗВАНИЕ ПРОЕКТА: «Проект усовершенствования управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ).**
**НАЗВАНИЕ КОНТРАКТА: «Восстановление подсистемы Северной ветки в Вахшском магистральном канале»**
**ГРАНТ №: IDA E0790-TJ и TF0B8740-TJ**
**ССЫЛКА НА ПУТ: SWIM-CW-NCB-05**

1. Правительство Республики Таджикистан обратился за финансированием со стороны Всемирного банка и «Грант Трастовый Фонд Европейского Союза» в счет стоимости «Проект усовершенствования управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ) и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контракту «Восстановление подсистемы Северной ветки в Вахшском магистральном канале».

2. Центр управления Проектом (ЦУП) при АМИ настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на восстановление подсистемы Северной ветки в Вахшском магистральном канале.

3. Торги будут проводиться в рамках международных конкурентных закупок с использованием Приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в «Положениях о закупках для Заемщиков ИПФ» Всемирного банка **Руководство по закупкам товаров, работ и не консультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР, опубликованного в январе 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года, августе 2018 года и ноябре 2020 года** («Положения о закупках»), и открыты для всех участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от ЦУП «УВРФД», г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1, здание Министерство энергетики и водных ресурсов РТ, 9 этаж, кабинет №3 и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время $09^{00}$ часов до $16^{00}$ часов.

5. Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу. Документ будет отправлен по электронной почте.

6. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу не позднее 25 декабря 2023 г. до $15^{00}$ часов. Электронные торги [не] будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу.

7. Все конкурсные предложения должны сопровождаться «Гарантией обеспечения конкурсного предложения» на сумму 480 000 сомони.

8. Упомянутый выше адрес(а):

Кому: Центра управления Проектом по управлению водными ресурсами Ферганской долины «Проект усовершенствования управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане».

Государственный Комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистана

**Фактический адрес:** ул. Шотемур - 27
**Этаж/кабинет номер:** 1 этаж, кабинет - 9
**Город и страна:** Душанбе, Таджикистан.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418903 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бинои вазорат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.12.2023 11:00:00 |
| 2 | 418871 | Қисми мустақили 23-юми ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Хуҷанд | Асбоби нафаскашӣ, рӯдаи оташнишонӣ, либоси зиддисӯхторӣ, пойафзоли соқбаланд, либоси саҳроӣ ва бушлат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 11.12.2023 15:20:20 |
| 3 | 418872 | Кумитаи идораи замини вилояти Хатлон | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 11.12.2023 15:35:20 |
| 4 | 418874 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Антивирус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 11.12.2023 15:40:00 |
| 5 | 418873 | Муассисаи давлатии «Маркази беморхонаи дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»-и вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 11.12.2023 16:08:08 |
| 6 | 418875 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Молҳои канселярӣ ва Парчами давлатӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 11.12.2023 16:25:00 |
| 7 | 418879 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | Ҷорӣ кардани гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва коркарди маълумотҳои дохилиидоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 11.12.2023 16:32:37 |
| 8 | 418883 | Маркази беморихоҳои рӯҳӣ ва ёрии наркологии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 11.12.2023 18:18:18 |
| 9 | 418884 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии №2»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири роҳрави муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.12.2023 18:22:22 |
| 10 | 418885 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Конибодом | Азнавсозии бинои муассиса (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.12.2023 18:30:00 |
| 11 | 418870 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таъмири хобгоҳи №4, воқеъ дар кӯчаи Маяковский - 70/2, таъмири хобгоҳи №5, воқеъ дар кӯчаи Борбад 48/16 ва таъмири хобгоҳи №6, воқеъ дар маҳаллаи Буни Ҳисорак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 08:00:00 |
| 12 | 418886 | Комиссариати ҳарбии ВМКБ | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.12.2023 08:20:00 |
| 13 | 418888 | Муассисаи давлатии таълими томактабии кӯдакистони №1-и ноҳияи Дӯстӣ | Кати хоб ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.12.2023 09:15:40 |
| 14 | 418889 | Нозироти идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таҷдиди намои берунаи бинои истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ - 27/2- ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 09:30:00 |
| 15 | 418890 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Дӯстӣ | Компютер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.12.2023 09:35:40 |
| 16 | 418891 | Маркази беморихоҳои пӯсту сирояткунандаи ҷинсии дар шаҳри Кӯлоббудаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Мебел, таҷҳизоти маишӣ ва идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 12.12.2023 09:40:39 |
| 17 | 418893 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии Хона-музейи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Бобоҷон Азизов | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 09:45:55 |
| 18 | 418887 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Нуробод | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 12.12.2023 09:50:40 |
| 19 | 418894 | Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Таъмир ва мумфарш намудани роҳҳои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 09:50:40 |
| 20 | 418892 | Коллеҷи муҳандисӣ - техникии ноҳияи Нуробод | Таҷҳизоти техникӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 12.12.2023 10:00:50 |
| 21 | 418895 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳо ва майдонҳои ҳудуди беморхонаи клиникавии вилояти Суғд. Марҳилаи 1 (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4900 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 10:10:10 |
| 22 | 418896 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳраки Адрасмони шаҳри Гулистон | Таъмири намои бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 10:10:10 |
| 23 | 418897 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Айнӣ | Таъмири бинои бахш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 10:10:10 |
| 24 | 418898 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳо ва майдонҳои ҳудуди беморхонаи клиникавии вилояти Суғд. Марҳилаи 2 (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 3000 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 10:10:10 |
| 25 | 418899 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии беморихоҳои пӯст ва зӯҳравӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои электрикӣ, хоҷагидорӣ, оташхомӯшкунак ва матоъ барои баннер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 12.12.2023 10:25:36 |
| 26 | 418900 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Картриҷ ва папкаҳои картонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.12.2023 10:40:00 |
| 27 | 418901 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Асбоби пулҷудокунӣ, дастгоҳи пулҳисобкунӣ, курсӣ барои коргарон ва генератор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 12.12.2023 10:45:00 |
| 28 | 418902 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникии идоравӣ ва курсӣ барои роҳбар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 12.12.2023 10:45:00 |
| 29 | 418904 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Ободонии атрофи кӯчаи Хуросони шаҳри Ваҳдат (марҳилаи дуюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 11:00:56 |
| 30 | 418906 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ - фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ» | Дарахти ороишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 12.12.2023 13:15:15 |
| 31 | 418907 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Заҳрхимикат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.12.2023 13:30:00 |
| 32 | 418909 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №2 ба номи академик К. Тоҷиев» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 14:10:00 |
| 33 | 418908 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Медалҳои мукофотӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.12.2023 14:15:27 |
| 34 | 418910 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои равшанинамоии намои бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Ишкошим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2023 14:20:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии литерҳои 2А1/хп ва 3А 1/хп, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 30-юми августи соли 2021 таҳти феҳристи 1Ш-1840 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол ба Азимов Беҳруз Маҳмадкабирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии гумшудаи шаҳрвандии Федератсияи Россия, ки онро Раёсати хадамоти муҳоҷирати ВКД Федератсияи Россия дар вилояти Вологодск соли 2016 ба Хайдарова Мухаббат Раджабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 7-уми августи соли 2019 таҳти феҳрасти №2М-136 бо суроғаи вилояти Суғд, шаҳри Конибодом, кӯчаи Зарбед, аз 6/5 ҳиссаи хонаи №338 ба Ҷураев Хуррам Гафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 17-уми феврали соли 2023 таҳти феҳристи №8-734 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Яккатут, бинои 102 «а», хонаи 44 ба Аллаёров Туйлӣ Суюнович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Акрамов Одилҷон Орифович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи даҳуми силсилаи БР № 049670-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и шаҳри Душанбе соли 1984 ба Ҳафизова Муборак Абдулбакиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 50, хонаи 51 ба Шайхалисламова Лилия Минимазхатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши бинои минтақаи истироҳатӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 11-уми январи соли 2019 таҳти феҳрасти №1Ш-18 бо суроғаи шаҳри Норак, бинои минтақаи истироҳатӣ, воқеъ дар кӯчаи 50-солагии Норак, минтақаи манзилии №1, бинои берақам ба Воҳидов Анвар Ҷӯрабекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2010 ба Хайрмуҳаммад Идрис (РМА 025233505) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2022 ба Синои Зафари Файзуллозода додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ бо рақами бақайдгирии 22816 таҳти №Б-12442-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 25 ноябри соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти М. Турсунзода, деҳаи Даҳбед ба Юлдашева Адолат додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба истифодаи якумраи меросӣ бо дараҷаи А №0281935-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Ҳисор 21 апрели соли 2011 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Карамкул, деҳаи Комсомол ба Юлдошева Адолат додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 4-уми августи соли 1992 таҳти феҳрасти 6Д-4604 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ковал (ҳоло Фирдавсӣ), бинои 117, хонаи 59 ба Мирзоев Саймухудин Абосович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди №8252 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 117, хонаи 59 ба Мирзоев Саймухудин Абосович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи И. Сомонӣ, бинои 209/9, хонаи 7 ба Пурин Жорж додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини қитъаи замини наздиҳавлигӣ, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Лоҳур, деҳаи Ҳаёти нав ба Усманова Хайринисо Зияқуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро МББТ (ҳоло КДФ «БММҒ»)-и шаҳри Душанбе соли 1998 бо варақаи қайди 1102 барои мағоза, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 25 ба Бобоев Маҳмадёқуб Рустамович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Мадади шарқ» (РМА 0100090343, РЯМ 0110015785) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Сомон пластикӣ» (РМА 120045365, РЯМ 1210014850), ки 27-уми январи соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва ҳокимияти қонун

Садои мардум

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 ноябри соли 2023, соати 15:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

**Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Б. Каримзода**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**